**Парки технологии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.**

Парки технологии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (минбаъд ПТ ДДХ) тибқи фармони ректори Донишгоҳ аз 06.12.с.2011, №406 ҳамчун муассисаи худмаблағгузор таъсис ёфтааст. Оиннома ва Низомномаи ПТ ДДХ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳ санаи 28.06.с.2012, №13 баррасӣ ва тасдиқ шуданд.

Ҷиҳати пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмиву истеҳсолӣ ПТ ДДХ санаи 24.01.с.2013 аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти силсилаи АУ №0001200 “Иҷозатнома” дастрас намудааст.

ПТ ДДХ мутобиқи шаҳодатномаи РЯМ 5110012995 аз санаи 11.12.с.2012 дар нозироти андози шаҳри Хуҷанд, ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Дар заминаи ПТ ДДХ Маркази омӯзишиву таҳқиқотии технологияи компютерӣ, корҳои таъмирӣ, хизматрасонии техникиву матбаавӣ-рекламавӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ таъсис дода шудааст.

Дар минтақаи таълимиву таҷрибавии “Палос” барои истифодабарии Парки технологӣ 3 гектар замин ва молхона барои 12 сар чорвои калон ҷудо карда шудааст. Минтақаи мазкур ҷиҳати пешбурди таҳқиқоти илмии олимону аспирантон, магистрантҳо ва донишҷӯёни факултетҳои биология-химия ва география-экология (дар соҳаҳои чорводорӣ, паррандапарварӣ, занбӯрпарварӣ, растанипарварӣ, гулпарварӣ) истифода бурда мешавад.

Дар назди ПТ ДДХ сехи таълимиву истеҳсолии дӯзандагӣ ва ҳунарҳои миллӣ таъсис ёфт, ки бо 6 адад мошинаҳои дӯзандагӣ, 1 адад мошинкаи “аверлог” ва 1 адад мошинаи дастӣ муҷаҳҳаз мебошад. Дар давраи фаъолият аз ҷониби сехи дӯзандагии ПТ ДДХ дӯхтани пардаҳо ва карнизҳои толорҳо ва утоқҳои кории Донишгоҳ ва дӯхтани рӯйпӯши рахтҳои хоб барои хобгоҳи донишҷӯён (дар маҷмуъ ба маблағи 29251 сомонӣ) иҷро гардиданд.

Дар ҳудуди Парки технологӣ дар доираи коргоҳи дӯзандагӣ омӯзиши ҳунарҳои миллӣ аз қабили дӯзандагӣ, бофандагӣ, кешбофӣ, йӯрмадӯзӣ, сӯзанидӯзӣ, кашидадӯзӣ ва қолинбофии дастӣ бонувон-донишчуён роҳандозӣ гардидааст.

Ҷиҳати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти Донишгоҳ, муассисаҳои таълимии шаҳру вилоят ва маҳсулоти ниёзи мардум бо маҳсулоҳои мебелӣ, аз ҷониби устохонаи ПТ ДДХ як қатор утоқҳои кории роҳбарият устодон, утоқҳои таълимии факултетҳои Донишгоҳ бо мебелҳои хушнақшу замонавӣ (дар маҷмуъ ба маблағи 203684 сомонӣ) таъмин карда шудааст.